Такризи
муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00 - Филология (6D 02.05.02 - Забони тоҷикӣ) ба дифоъ пешниҳод гардидааст

Даврони муосир барои мардуми тоҷик бо дастовардҳои назаррас ва махсусан мақом ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ҳамчунин ба сифати забони давлатӣ мақом пайдо кардани забони тоҷикӣ барои забоншиносии муосири тоҷик самтҳои нави таҳқиқу омӯзишро боз намудааст. Дар ин росто масъалаи ном ва номгузорӣ аз риштаҳои басо муҳим, ҷолиб ва таҳқиқталаби илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита бо ин таҳқиқи номҳои ашхос ҳамчун маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху фарҳанги миллат дорои аҳамияти илмию назарии хоса ба шумор меравад. Бинобар ин диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш» дорои аҳамияти вижаи илмӣ ба шумор меравад ва интихоби мавзӯъ аз тарафи муҳаққиқ басо саривақтӣ интихоб ва баррасӣ гардидааст. Дар баробари ин омӯхтану ҷамъоварӣ ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудани ному насабҳо, тахаллусу лақабҳо на танҳо барои илми забоншиносӣ, балки риштаҳои дигари илм аз қабили таъриху этнография, фарҳангшиносӣ ва улуми дигари ҷомешиносӣ низ дорои арзиши махсус дониста мешавад.

Дар диссертатсия тадқиқу пажӯҳиши номҳои хоси мардуми ноҳияи Лахш, ки дар масири таърих андӯхта шудаанд, ҳадафи асосии илмӣ қарор гирифта, барои расидан ба мақсади илмӣ вазифаҳои муҳим аз қабили нишон додани ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ, нишон додани номҳои аслии тоҷикӣ, баррасии номҳои давраи қадим, баррасии номҳои давраи миёна дар ноҳия, баррасии номҳои давраи нав, ошкор намудани хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия ва инъикоси онҳо дар антропонимҳо, пажӯҳиши гендер ва муносибати антропонимҳо ба он, таҳқиқи хусусиятҳои овоӣ ва грамматикии номҳои ашхос, сохтори морфологии антропонимҳои ноҳияи мавриди таҳқиқ ба иҷро расидаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он дида мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик дар бораи номҳои ашхос дар асоси номҳои сокинони ноҳияи Лахш, ки дар муҳити дузабонӣ сурат гирифтаанд, бори нахуст тадқиқоти ҷудогонаи монографӣ анҷом дода шудааст ва ба замми баррасии маводи ҷамъоварда аз нигоҳи гендерӣ ва мансубияти ҷинсӣ навгонии илмии рисолаи илмиро тақвият медиҳад.

Аҳамияти идмию назарии тадқиқоти мазкур дар он дида мешавад, ки пажӯҳиши анторопонимҳои дар муҳити дузабонӣ: тоҷикӣ ва қирғизӣ ташаккулёфта, барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла луғатшиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ хизмат менамояд. Ҳамчунин натиҷаҳои назариявии тадқиқотро метавон дар баррасии минбаъдаи масъалаҳои муҳими антропонимияи тоҷик истифода намуд.

Аҳамияти амалии пажӯҳиши мазкур аз он иборат аст, ки дастовардҳои дар рисола қайдгардидаро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии шевашиносӣ, луғатшиносӣ, таърихи забон ва ҳангоми тартиб додани луғатҳои ономастикӣ истифода бурд.

Зимни ҷамъоварии маводи диссертатсия муҳаққиқ аз усулҳо ва манобеи арзишманду боэътимод истифода намудааст, ки чунин тарзи коргузории илмӣ асосҳои назарии диссертатсияро тақвият бахшидааст.

Диссертатсияи Холназаров Р.М. аз нигоҳи сохтор ва мазмуну мундариҷа пурмуҳтаво ва анҷомёфта буда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёту замимаи номи ашхос иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мавод ва усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия ба таври мушаххас ва мутобиқ ба талаботи амалкунанда та хомаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар боби якуми рисола таҳти унвони «Ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ» дар се фасли ҷудогона ҷанбаҳои таърихии ташаккули антропонимҳои минтауаи мавриди таҳқиқ бо далелу арқом ва мисолҳои ҷолиб баррасӣ гардидааст. Дар фасли ҷудогона бо номи «Мулоҳизаҳои муқаддимавӣ» муҳаққиқ дар баробари тасвири вижагиҳои умумии антропонимҳо собит менамояд, ки номи ашхои низ ҳаводиси гуногуни ҷамъият, рушду дигаргуниҳо, зуҳуроти иҷтимоию сиёсиро инъикос менамоянд. Бинобар ин таҳқиқи номи ашхос дар баррасии масоили мубрами таърихи фарҳанг ва ҳайти иҷтимоии мардумони ҷудогона накши боризу арзишманд дорад.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо унвони «Номҳои аслии тоҷикӣ» ба масъалаҳои ташаккул ва густариши номҳои асили тоҷикиро дар ноҳияи мавриди таҳқиқ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Нуктаи ҷолиби ин фасл дар онт, кт унвонҷӯй робитаи ногусастании таҳаввулоти номи ашхоиро дар забони тоҷикӣ ва ҳамчунин дар ноҳияи таҳқиқшаванда бо се давраи таърихии забони тоҷиуб дар алоқамандӣ таҳлил намудааст ва ба андешаи ӯ номҳои тоҷикӣ дар аҳди бостон дар забонҳои дигари даврони бостон аз қабили забони юнонӣ дида мешуданд. Дар робита бо марҳилаҳои таърихӣ унвонҷӯй ннтропонимҳои маҳалли таҳқиқшавандаро дар се зерфасли ҷудогона бо назардошти се марҳилаи таърихӣ ба қалами таҳқиқ кашидааст.

Дар фасли сеюми боби аввали рисола бо унвони «Номҳои иқтибосӣ» бо далели он ки дар дунё ҳеҷ забоне бидуни робита бо дигар забонҳо вуҷуд надорад, таъсирпазириву таъсирбахшии забони тоҷикӣ ва забонҳои дигари бо он ҳаммарзу ҳамшафат таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Ҳамзистию ҳамсоягӣ, муносибатҳои илмию фарҳангӣ ва сиёсию динии мардуми тоҷик бо халқҳои дигар ногузир дар тӯли таърих ба вуҷуд омада, ба антропонимияи минтақаҳои гуногуни кишварамон таъсир расонидааст ва дар минтақаи мавриди таҳқиқ таъсирбахшиву таъсирпазирӣ миёни забони тоҷикӣ ва забони қирғизӣ дар номи ашхос басо ба таври назаррас мушоҳида мешавад, ки унвонҷӯй зуҳуроти мазкурро бо далелҳои ҷолиби диққат таҳлилу ташхис намудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия» ба масъалаҳои муносибати таърихии тоҷикону қирғизон ва инъикоси он дар антропонимҳо, вижагиҳои муносибати гендериву ҷинсият ва ифодаи он дар номи ашхоси ноҳияи мавриди таҳқиқ бахшида шудааст.

Дар ин росто унвонҷӯй масъалаҳои таҳаввули таърихии забони тоҷикӣ ва муносибати онро бо забони қирғизӣ нуктасанҷона таҳқиқ намуда, давраҳо ва вижагиҳои чунин як раванди муҳими таъсирбахшиву таъсирпазирии тарафайни ин забонҳоро мушаххас намудааст, ки он ҳамчунин тавассути хусусияти этнолингвистии номҳои ашхос нишон дода мешавад. Дар боби мазкур доир ба масъалаҳои гендерӣ унвонҷӯй зикр мекунад, ки муҳимтарин хусусиятҳои таҳқиқоти гендериро дар забон тавассути антропонимҳо метавон мушаххас намуд. Яъне ба назари муҳаққиқ муносибати гендер ба антропонимҳо дар он зоҳир мегардад, ки таърихан дар забони тоҷикӣ ҷинсият вуҷуд дошта, баъдтар аз байн рафтааст ва дар забони муосири тоҷикӣ ин вижагиҳо бештар дар антропонимҳо ифода меёбад. Зимни таҳлили антропонимҳо онҳоро унвонҷӯй ба се гурӯҳ ҷудо менамояд, ки онҳо антропонимҳои мардона, антропонимҳои занона ва антропонимҳои муштарак муаррифӣ мешаванд. Нуктаи дигари ҷолиб ин аст, ки тарзу усулҳои антропонимҳои забони тоҷикӣ бо вижгиҳои гендерӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда бо мисолҳои ҷолиб нишон дода мешавад.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки “Хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхос” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои мубрами марбут ба вижагиҳои овоӣ ва грамматикии номи ашхос дар минтақаи мавриди таҳқиқ ба таври муфассал таҳқиқ карда шудааст. Боби мазкур аз ду фасл иборат буда, дар фасли аввал вижагиҳои овоии номи ашхос дар ареали таҳқиқшаванда таҳлил гардида, дар боби дуюм вижагиҳои сохтории номҳои ашхос таҳқиқ шудааст.

Бо ҳамин тартиб дар фасли аввали боби сеюм таъкид мешавад, ки вижагиҳои овоӣ дар номи ашхоси ареали мавриди омӯзиш паҳлӯҳои қобили таваҷҷуҳро дороянд, ки таҳқиқи онҳо ба масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир марбут аст. Ҳарчанд ки муҳаққиқони маъруфу шинохтаи садаи бистум чун М.С. Андреев, В.С. Расторгуева, Р.Л. Неменова, А.З. Розенфелд, Ю.И. Богорад ба ин масъалаҳои таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ҳанӯз ҳам нуктаҳои нуҳуфта ва ҷолиб дар ин самти таҳқиқ дида мешавад, ки унвонҷӯй тавонистааст мутаносибан ба ин нуктаҳо назари мустақилонаи худро иброз намояд.

Фасли дуюми боби сеюми рисолаи мазкур бо унвони «Сохтори морфологии антропонимҳои ноҳияи Лахш» ба таҳлилу баррасии номи ашхос дар минтақаи зикршуда ва таснифи морфологиву сохтории онҳо бахшида шудааст. Дар асоси маводи ҷамъоваришуда муайян карда шудааст, ки таркиби морфологии калимаҳо, хусусан антропонимҳо, як хел нест ва унҷонҷӯй онҳоро дар асоси вижагиҳои сохторӣ ба гурӯҳҳои зерин тасниф намудааст: сода, сохта ва мураккаб. Дар баробари ин роҳу воситаҳои ташаккул ва таҳаввули морфологии номи ашхоси минтақа бо мисолу далелҳои ҷолиби назар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз таълифоти марбут ба мавзӯи таҳқиқ ва аз муаррифии дастовардҳои илмӣ дар конференсияҳои илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ дар шакли баромад ва суханронҳо дида мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқ ба таври бояду шояд муаррифӣ шудаанд ва вобаста ба мавзӯи мавриди тадқиқ 6 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки аз ин 3 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи муассисаи давлатии КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд.

Диссертатсияи Холназаров Р.М. аз он ҷиҳат ҷолиб дониста мешавад, ки он дар асоси таҳқиқоти назарии забоншиносии муосир таҳия гардида, дар рисола аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ ба монанди методи таҳлил, муқоиса ва таҳлили оморӣ ва басомади маводи забон, методҳои таҷзия таҳлили этимологии воҳидҳои забон мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст гардида, муҳаққиқ таъкид менамояд, ки антропонимия, ки номҳои ашхосро фаро мегирад, ба тамоми самтҳои ҳаёт ва фаъолияти инсонҳо робитаи ногусастанӣ дорад.

Дар анҷоми диссертатсия феҳрасти адабиёт номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашударо дар бар мегирад ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Услуб ва бандубасти тадқиқот. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, бандубасти мавод дар бобҳо ва фаслҳои мантиқан мураттаб ва пайдарҳам оварда шудааст.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои тадқиқоти диссертатсионӣ. Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона такя кардааст. Феҳристи адабиёт 238 номгӯи манобеи чопиву электрониро фаро гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар рисола бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи тахассуси илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи Шиносномаи тахассуси илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00.- Филология (6D 02.05.02. - Забони тоҷикӣ) иҷро шудааст.

Эродҳо оид ба диссертатсия. Ба нуқтахое, ки дараҷаи илмию назарии тадқиқотро коҳиш намедиҳанд, чунин эродҳо мансубанд:

1. Азбаски таҳлили оморӣ дар унвони рисола омадааст, бинобар ин басо мувофиқ мебуд, ки ҳисоб ва таҳлили оморӣ на фақат вобаста ба теъдоди номҳо ва мансубияти гендерии онҳо, балки омори ҷузъҳои грамматикии номҳо, ҷузъҳои антропонимсоз ва ҳамчунин басомади истифодашавии номҳо вобаста ба давраҳои ташаккули онҳо, ҳамчунин омори ҷузъҳо вобаста ба баромади онҳо гузаронида мешуд. Дар ин сурат арзиши илмии рисола боз ҳам беҳтару бештар мегардид.

2. Феҳрасти адабиёт мебоист тибқи талаботи амалкунанда таҳия шавад ва ҳамчунин дар он риояи ягонагии таҳия дида намешавад.

3. Риояи таносуби фаслҳо дар бобҳои ҷудогона ҳам аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва ҳам аз нигоҳи фарогирии маводи дахлдор каме халадор шудааст. Аз ҷумла боби сеюм “Хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхос” унвон дошта, дар он вижагиҳои овоии номи ашхоси минтақаи мавриди назар дар ҳаҷми ҳамагӣ 6 сафҳа дар фасли аввал ва вижагиҳои сохтории номи ашхос дар фасли дуюм дар ҳаҷми 37 сафҳа оварда шудааст. Вобаста ба вижагиҳои овоии номи ашхос дар асоси маводи фароги ҷанбаҳои гуногуни ин масъаларо аз нигоҳи сайри таърихии овозҳои ҷудогонаи аслан тоҷикӣ ва овозҳои иқтибосӣ баррасӣ кардан мумкин буд.

4. Дар истифодаи истилоҳот ва таъбироти илмӣ дар мавридҳои ҷудогона гоҳ-гоҳ духӯрагиҳо дида мешавад. Чунончи дар сафҳаи 129 истилоои «лексикаи зиндаи тоҷикӣ» оварда шудааст, ки беҳтар аст ба ибораи «лексикаи забони муосири тоҷик» иваз шавад.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (5, 9, 11, 15, 18, 28, 34, 47, 65, 73, 89, 112, 116, 142) ва услубию китобатӣ (4, 10, 13, 16, 19, 26, 35, 48, 61, 78, 86, 112, 120, 144) ба назар мерасанд.

6. Ҳамин гуна ғалатҳо дар саҳифаҳои гуногуни фишурдаи диссертатсия низ дида мешаванд.

Дар ниҳоят бояд зикр намуд, ки эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо имконпазир аст.

Диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00 - Филология (6D 02.05.02 - Забони тоҷикӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аст.

Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология — Мухторов Зайнидин Мухторович

Сана: 29.04.2019

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822

Имзои З.М. Мухторовро «тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ғаффорзода А.С.

ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ... ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС